# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии такрории Шурои диссертатсионии 6DKOA-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (6D020102 - Таърихи фалсафа), профессор Худойдодзода Ф.Б. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), профессор Диноршоева З.М. (аъзо), доктори илмҳои фалсафа (6D020102 - Таърихи фалсафа), профессор Самиев Б.Ҷ. ( аъзо) диссертатсияи Каримов Кадриддин Облобердиевичро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) пешниҳод шудааст, мавриди ташхиси такрорӣ қарор дода, бо хулосаи комиссияи ташхисии аввала доир ба аҳаммияти мавзуи таҳқиқотӣ мувофиқ мебошад.

Воқеан, рисолаи илмии Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» яке аз масъалаҳои мубрами таърихи фалсафа ба ҳисоб рафта, имрӯз таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаи таърихи фалсафа ва фалсафаи илмро ба худ ҷалб кардааст. Зеро мазмун ва моҳияти асарҳои арзишманди онҳоро мавзуҳое ташкил медиҳанд, ки дархӯри талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати

пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошанд.

Бинобар ин, таҳқиқ ва мутолиа кардани ин бозёфтҳои маънавӣ дар мадди аввал аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ҳама гуна зиддиятҳое, ки дар назарияи тарбияи муосир ҷиҳати ҳалли мушкилоти фаҳмиши инсон ва ба камол расонидани ӯ ҳамчун субъект ба миён меоянд, бартараф менамоянд. Аз тарафи дигар, афкори фалсафии ҳар ду мутафаккир аз мавқеи ратсионалистӣ баромад намуда, ҳаллу баррасии масъалаҳои мавҷударо дар мизони ақл пешниҳод мекунанд ва ба неруи созандаи ақл бовар доранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола.** Дар таҳқиқоти мазкур, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои файласуфони маорифпарвар, муҳаққиқони тоҷику рус, аврупоӣ, эронӣ ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст. Ҳамзамон, диссертант аз корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, барномаю қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ чоп ва дастрас гардидаанд, истифода бурдааст.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди пажӯҳиши муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеа, нақши давлат дар тарбияи кӯдак, муносибати оила бо мактаб ва ғайра, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди маориф, мақом ва нақши он дар равандҳои иҷтимоии ҷомеа мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои назариявии осори илмии донишмандони даврai маорифпарварии ҳам Аврупо ва ҳам Осиёи Миёна, инчунин дар таълифи асарҳои илмию фалсафӣ, бахусус, ҳангоми таҳияи таърихи фалсафаи маорифпарварӣ, фалсафаи илм ва методологияи таҳқиқоти илмӣ истифода

бурд. Дастовардҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки мақоми воқеии ҷараёни маорифпарварии аврупоӣ ва тоҷик дар ҳадди қиёс муайян карда шавад.

**Нововарии таҳқиқоти илмиро** мушаххасан дар бандҳои зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст:

- дар Фаронса ва Осиёи Миёна пайдоиши маорифпарварӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи он таҳқиқ карда шуданд. Маълум гардид, ки маорифпарварӣ дар Фаронса ва умуман Аврупо ба як ҷараёни муташаккил табдил ёфта, ба тамоми қишрҳои ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра таъсири сахт расонида, самти рушди минбаъдаи ҷомеаи аврупоиро муайян намудааст, дар ҳоле ки маорифпарварии тоҷик дар доираҳои маҳдуд, миёни донишмандону зиёиён дар пайравӣ ба маорифпарварии аврупоӣ ташаккул ёфтааст;

- шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба таври мухтасар мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд. Ошкор гардид, ки Ж.Ж. Руссо дар қиёс бо А. Дониш бештар дар мусофират ва саргардониҳо ҳаёт ба сар бурдааст, вале ба хотири андешаҳои созанда ва инқилобӣ доштан ҳар ду донишманд мудом таҳти фишори сиёсати замони худ қарор доштанд;

- сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар чорчӯбаи маъхазҳои таърихӣ-илмӣ асоснок карда шуданд. Исбот гардид, ки ба ташаккули афкори маорифпарварии Ж.Ж. Руссо нахуст муносибатҳои иҷтимоии Фаронсаю Швейтсария ва дигар кишварҳои Аврупои ғарбӣ, инчунин осори донишмандоне чун Ш.Л. Монтескё, Ф.М.А. Волтер, Ҷ. Локк, Г. Гротсий, Т. Гобс таъсири амиқ расонидаанд. Дар ҳоле ки афкори маорифпарварии А. Дониш дар заминаи сафарҳояш ба Руссияи подшоҳӣ инкишоф ёфтаанд;

- вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар

таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд. Таҳлил нишон дод, ки Ж.Ж. Руссо дар фарқият бо А. Дониш инсони табииро аз инсони мутамаддин авлотар медонад, зеро ҳар қадар, ки инсон мутамаддин шавад, ҳамон қадар дар ҷомеа фасод зиёд мегардад. Дар баробари ин, Ж.Ж. Руссо оқибатҳои манфии бозгашт ба зиндагии табииро ҳис карда, зиндагии мутамаддинро дар доираи тарбияи ахлоқии қавии инсон иқрор мешавад. А. Дониш инсонро дар ҳама ҳолат неруи пешбарандаи ҷомеа меҳисобад;

- моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш илман таҳқиқ ва нишон дода шуданд. Муқаррар гардид, ки ба назари ҳар ду мутафаккир барои тарбияи кӯдак се омил: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият заруранд. Аммо аз ин се омил Ж.Ж. Руссо бештар ба омили якум, яъне табиат такя мекунад;

- таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шуданд. Маълум гардид, ки ақидаҳои маорифпарварии Ж.Ж. Руссо тадриҷан ҷонибдорони зиёд пайдо карда, афкори ҷомеаро тағйир дод ва то ба Инқилоби бузурги Фаронса оварда расонд, вале андешаҳои А. Дониш ҳарчанд боиси ба миён омадани як қатор маорифпарварон ва баъдан ҷадидон гардиданд, вале дар доираҳои маҳдуд боқӣ монданд.

Сохтори рисола бо ҳадафҳои он мутаносиб буда, он бо баёни пайдарпайӣ ва мантиқии андешаҳо ва нукоти асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, фарқ мекунад. Диссертант бо таҳқиқи мавзуи матраҳшуда сарчашмаҳо ва маводи зиёди илмӣ-таҳқиқотии ватанию хориҷиро ба кор бурда, дар асоснок ва ҳаллу фасли масъалаҳои асосии рисола дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои он комёб гардидааст. Маводи

нашркардаи муаллиф мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намоянд ва дар маҷаллаҳои эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд.

Ташхис нишон дод, ки рисолаи Каримов Кадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» хусусияти эҷодӣ дошта, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқаррароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад.

Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:

1) Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» ба рамзи ихтисоси таърихи фалсафа мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад.

2) Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.

3) Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотӣ, хулоса ва тавсияҳои Каримов Қадриддин Облобердиевич дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор гардидаанд.

4) Дар рисола натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва тавсияҳои амалии он нишон дода шудааст.

5) Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъйин карда шавад.

6) Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Мамадҷонова Муҳиба Талатҷоновна- доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи А. Баҳоваддинови АМИТ;

- Зокирзода Нусратулло Мелик - номзади илмҳои фалсафа, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам.

7) Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8) Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои фалсафа Худойдодзода Ф.Б.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа, профессор Диноршоева З.М.

доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев Б.Ҷ.